*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**РАҲИМОВ ХОЛМАҲМАД БАРОТОВИЧ**

# ҶУСТОРИ ҲУНАРИИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ ДАР ШЕЪРИ МУОСИРИ ТОҶИК ВА ФАРДИЯТИ ЭҶОДИИ Ӯ

Ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик

## А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои филологӣ

**Душанбе- 2018**

**Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.**

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Муллоев Абдусамад**<br>доктори илмҳои филология |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Восиева Рухшона Қурбоновна**<br>доктори илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода<br><br>**Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович**<br>номзади илмҳои филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | **Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров** |

Ҳимоя «4» марти соли 2019, соати 13^00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-028 оид ба ҳимояи рисолаҳои илмии доктори фалсафа (Phd) аз рӯи ихтисос доир ба ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баргузор мегардад (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121).

Ба диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ва сайти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121), www/tgpu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____»______________соли 2018 фиристода шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсент** **Мирзоалиева А.Ш.**

# МУҚАДДИМА

**Аҳамияти мавзӯъ**. Номи Лоиқ Шералӣ ҳамчун шоир ба таври ҳамешагӣ дар таърихи адабиёти тоҷик сабт аст ва миёни алоқамандони адабиёт низ шуҳрати тамом дорад. Осори шоир аз андешаҳо дар боби зиндагӣ ва сарнавишти инсонҳое, ки бо шодиву ғами онҳо шарик буда, кашфиёти шоириашро дар хидмати онҳо гузоштааст, саршор мебошад. Вай дар назди халқу ватан бо масъулияти бузург зиста, ҳамин тааҳуди иҷтимоиву ҳунарӣ, шахсияти инсонӣ ва фардияти эҷодиашро шакл додааст.

Хусусиятҳои хоси мундариҷавию шаклӣ ва ғоявии осори шоир, нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни адабии нимаи дувуми садаи бист ва оғози асри бисту як баёнгари мавқеи ӯ дар ҳофизаи миллат мебошад. Лоиқ аз оғози фаъолияташ ба муҳити адабӣ «ҳамчун шоири тозакор ворид шуд» (3,17). Шеъри ӯ ифодагари ҳунар, завқу андеша ва навҷӯиҳояш дар шеъри муосири тоҷик аст. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқ ва арзёбии тозакориҳои адабӣ ва ҳунарии Лоиқ, аввалан, агар чеҳраи фардии шоирии ӯро мушаххас созад, сониян, имкон фароҳам меоварад, ки хусусиятҳои хоси ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ дар як давраи томи ҷараёни инкишофи адабиёт ва мақоми шоир дар ин раванд муайян карда шавад.

Тадқиқ ва таҳқиқи тарзу тариқи ҷустуҷӯҳои бадеии шоир, мантиқи ташаккули истеъдоди лирикии ӯ, алоқаи эҷодиёташ бо ақоиду андешаи иҷтимоиву фарҳангӣ, ҳунарӣ ва ҳаёти ҷамъиятиву адабии нимаи дувуми садаи бист ва оғози асри равон, махсусиятҳо ва гуногунрангии жанрии эҷодиёташ аз заруриёти таҳқиқи ин мавзӯъ аст. Ҳамчунин хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ ва бадеии шеъри ин давра, ки осори Лоиқ ҷузъи ҷудонашавандаи он аст, аз ҷанбаҳои муҳими мавзӯи таҳқиқ буда, зарурати равшан кардани масъалаҳои зикршуда бар аҳамияти масъала таъкид дорад.

Муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи Лоиқ дар як давраи муҳими ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои фардияти эҷодии шоир дар мабнои (контексти) ҷараёни адабӣ муҳим ба назар меояд. Илова ба ин, таҳқиқи фардияти эҷодии Лоиқ, хусусиятҳои жанрӣ ва бадеии осори ӯ барои шинохт ва арзёбии равиши инкишофи шеъри муосири тоҷикӣ ва масъалаҳои назариву амалии он низ алоқамандии бевосита дошта, бар зарурати таҳқиқи мавзӯи таҳқиқотӣ таъкид дорад.

**Таърихи таҳқиқи мавзӯъ**. Хусусиятҳои хоси мундариҷавӣ, ғоявӣ ва жанриву бадеии шеъри Лоиқ аз оғози фаъолияти эҷодиаш диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда ва ин таваҷҷуҳ то ба имрӯз идома дорад. А.Сатторов ба маҷмӯаи нахустини шоир «Сари сабз» (1966) тақриз навишта, диди тоза ва навҷӯиҳои Лоиқро дар ифодаи мазмун ва тарзи тасвир аз хусусиятҳои хоси истеъдоди шоирии ӯ муаррифӣ карда буд. Баъдтар М. Шукуров дар як мақолааш доир ба хусусиятҳои лирикии давраи аввали эҷодиёти Лоиқ сухан ронда, «аввалин қадамҳои Лоиқро дар лирика бисёр хурсандибахш» (15, 211) шинохт ва доир ба хусусиятҳои лирикӣ ва баъзе жанрҳои эҷодиёти шоир, аз ҷумла рубоӣ маълумоти аввалин дода буд. Дар ҳамин давра Ш. Ҳусейнзода низ дар як мақолааш баъзе тозакориҳои шоирро дар шеъри тоҷикӣ ёдрас кардааст (11, 225-242).

Зиндагӣ ва эҷодиёти Лоиқ мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии аҳли таҳқиқ қарор гирифта, дар ин замина як силсила мақолаву рисола ва диссертатсия таълиф гардид, ки рисолаҳои А. Сайфуллоев, Ю. Акбарзода, У. Ғаффоров, Гулназар, А.Сатторзода, С.Абдулло, К.Абдулов, М. Нарзиқул, В. Элбоев, Р. Муталлибов, Н. Ҳаётов, Б. Карим ва М.Аҷамӣ аз ҳамин қабиланд.

Муаллифон дар китобҳое, ки оид ба таърихи адабиёти садаи XX тоҷик ва мақолаҳое, ки доир ба масъалаҳои мухталифи адабиёти муосир таълиф намудаанд, дар бораи Лоиқ ва эҷодиёти ӯ баъзе маълумотро овардаанд. Ҳамчунин дар маҷмӯаҳои мақолот ва ёддоштҳо роҷеъ ба зиндагӣ ва паҳлуҳои эҷодиёти шоир баъзе маълумот ва андешаҳои тоза баён шудаанд.

Аввалин мақолае, ки паҳлуҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ дар он таҳлил ва арзёбӣ шудааст, ба қалами М.Шукуров (М.Шакурӣ) тааллуқ дорад. Ин муҳаққиқ доир ба хусусиятҳои лирикӣ ва баъзе жанрҳои эҷодиёти шоир, аз ҷумла рубоӣ маълумот додаст (15, 211). Мақолаи Ш. Ҳусейнзода «Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик» (11, 225- 242) ба масобаи намуна тозакориҳои шоирро дар шеъри тоҷикӣ ёдрас кардааст.

Дар аксари тақризу мақолаҳое, ки минбаъд доир ба эҷодиёт ва маҷмӯаҳои ба чоп расидаи Лоиқ навишта шудаанд, дар боби шеъри шоир ва баъзе хусусиятҳои он сухан рафтааст. Дар ин замина метавон аз тақризҳову мақолоти А. Ҳакимов (А.Ҳаким) (9, 149-159, 166-174,179-190), А. Сатторов (6, 149-153), Х. Шарифов (13,139-143) ва дигарон ном бурд.

Пас аз даргузашти Лоиқ се нашри «Куллиёт»-и ӯ, аввалӣ соли 2001 дар Хуҷанд, дувумӣ, соли 1383 дар Теҳрон ва савумӣ,

соли 2008 дар Душанбе бо сарсухани А.Atторзода ба чоп расид, ки дар он бо диди тоза паҳлуҳои ҳаёт ва осори шоир мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст(15; 25).

Дар бораи осори таҳқиқие, ки доир ба ҳаёт ва эҷодиёти шоир дар солҳои гуногун чоп шудаанд, мо дар мавриди муносиб вобаста ба мавзӯи баҳс сухан хоҳем кард. Ҳоло метавон гуфт, ки дар аксари таълифоти анҷомгирифта, тарзу тариқ ва равиши ҷомеъа, ҷустуҷӯҳои эҷодии шоир, аз ҷумла хусусиятҳои ташаккул ва таҳаввули эҷодиёти ӯ дар мабнои назми муосири тоҷикии солҳои шасти садаи гузашта ва баъди он, махсусиятҳои фардиёти эҷодӣ, бадеияти осор ва равиши суннатписандиҳову навовариҳои шоир дар шеъри имрӯз ба тарзи ҷомеъ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор нагирифтааст. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи масъалаи фардияти эҷодӣ, ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва ҷойгоҳи шоирро дар ҷараёни адабӣ ба миён мегузорад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот**. Фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи Лоиқро дар таърихи адабиёти муосири тоҷик, пеш аз ҳама дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ, хусусиятҳои хоси дидгоҳҳои ӯ ба рӯйдодҳои зиндагӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ ва бадеии осори ӯ муайян мекунад. Нотакрории муаллиф на фақат дар тарзи нигориш, балки усули дарки воқеият, андеша сари ҳаводиси зиндагӣ, боварҳои ӯ ва ғайра зоҳир мешавад, ки мутаассифона, мавриди ҷустуҷӯҳои амиқ ва ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Ҳол он ки чеҳраи хоси шоирии ӯ ифодагари як давраи муҳими таҳаввулоти мундариҷавӣ ва шаклии шеъри имрӯз буда, муайян намудани хусусиятҳои фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни адабӣ, пеш аз ҳама шинохт ва арзёбии махсусиятҳои идроки бадеӣ ва усули ҷаҳоншиносии ӯ мебошад. Барои ба ин ҳадаф расидан мебояд нахуст ба ошкор сохтани ангезаҳои ибтидоии сиёсӣ ва ҳунарии ҷараёни адабӣ таваҷҷуҳ кард, сипас, нақши шоирро дар алоқамандӣ бо пайвандҳои дарунӣ, ки маҳсули воқеиятҳои ҳаёти адабист, муайян намуд.

Дар мабнои ҷараёни адабӣ арзёбӣ кардани масъалаҳои зикршуда ва муайян намудани роҳҳои ташаккул ва таҳаввули фардияти эҷодии Лоиқ ва хусусиятҳои шакливу мундариҷавӣ ва бадеии шеъри ӯ ҳадаф ва вазифаҳои ҷустуҷӯҳои илмиро дар ин рисола муайян мекунад. Бинобар ин, барои дар ин таҳқиқоти рисолавӣ ба ҳадафҳои асосӣ расидан мо ба ҳалли масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ доштем:

1. Ошкор намудани мундариҷаи ғоявӣ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Лоиқ дар мабнои шеъри солҳои шастуми садаи бист ва баъди он.
2. Нишон додани алоқаи таҷрибаи бадеии шоир бо тамоюлҳои идеологӣ ва адабию зебошинохтии давраи зикршуда.
3. Муайян сохтани саҳми шоир дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик ва ҷойгоҳи ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик.
4. Шинохт ва арзёбии нақши Лоиқ дар ташаккул ва таҳаввули жанрҳои шеъри имрӯз.
5. Таҳлил ва арзёбии шеъри шоир ҳамчун маҷмӯи таркибҳои шакливу мундариҷавӣ ва зебошинохтӣ.
6. Муайян намудани суннатҳо ва навовариҳои Лоиқ дар шаклу мундариҷаи шеъри тоҷикӣ.

**Методологияи таҳқиқот ва асосҳои назарии он**. Методологияи таҳқиқот ба усулҳои таърихиву муқоисавӣ ва таърихиву адабӣ ва дастурҳои назарии муҳаққиқони таърихи адабиёт ва назарияи он М.М. Бахтин, В.Я. Пропп, Г.А. Жуковский, В.М. Жирмунский, Д.С. Лихачев, М.Н. Пархоменко, М.Б. Храпченко, М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Ю. Акбаров, А. Ҳаким, Х. Шарифов, А. Сатторзода ва дигарон асос ёфтааст.

**Навгониҳои таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори аввал масъалаи ҷустори ҳунарии Лоиқ Шералӣ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ дар ҷараёни адабии нимаи дувуми солҳои шаст ва баъди он мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор мегирад.

Дараҷа ва савияи имрӯзаи дарки ин масъала моро водошт, ки механизми ҳалли масъалаҳои мавриди тадқикро дар алоқамандӣ бо ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри муосири тоҷикӣ накд ва арзёбӣ кунем ва мушаххасоти онро муайян намоем.

Дар диссертатсия бори аввал мавзӯи ҳозир таҳқиқшуда, дар заминаи фардияти эҷодии Лоиқ ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷараёни адабӣ ҳамчун шоири ҷӯянда, суннатгаро ва навовар муайян карда шуд. Мо бори аввал дар заминаи таҷрибаи эҷодии шоир заминаи дидгоҳҳои фардии эҷодӣ, хусусиятҳои шакливу мундариҷавӣ ва усулҳои бадеии тасвиркориҳои ӯро муайян намудем, ки навоварии илмии таҳқиқотро ифода мекунад.

**Арзишҳои назарии таҳқиқот** дар асоснокии илмӣ ва дарки хусусиятҳои хоси тафаккури бадеӣ ва фардияти эҷодии Лоиқ зоҳир мешавад. Ба ин далел, осори шоир таҳлил ва арзёбӣ шуда, қонунияти назарӣ ва амалии инъикоси бадеии масъалаҳои

мавриди назар муайян ва мушаххас карда шуд. Бинобар ин, кори дар ин замина ба анҷомрасида донишҳои назариро дар боби фардияти эҷодии Лоиқ ва ҷустуҷӯҳои бадеии ӯ такмил медиҳад.

**Сарчашмаҳо ва маводи таҳқиқот**. Ҳангоми таълифи диссертатсия нашрҳои гуногуни осори шоир, таҳқиқоти доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Лоиқ анҷомгирифта, намунаҳои осори шоирону нависандагони муосири ӯ, ёддоштҳо ва қомусҳои соҳавӣ ва таълифоти илмӣ сарчашмаҳо ва маводи таҳқиқот мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Арзишҳои амалии диссертатсия** аз он иборат аст, ки мавод ва натиҷаҳои пажӯҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, суханрониҳо аз боби масъалаҳои адабиёти навин дар мактабҳои умумӣ ва олӣ, ҳамчунин чун асоси назарӣ барои таълифи таърихи ҷомеъи адабиёти навини тоҷик истифода кард, зеро Лоиқ, бешак, аз чеҳраҳои бузург ва мондагори адабию фарҳангии тоҷикон аст.

**Нуктаҳои асосие, ки ба дифоъ пешниҳод мешавад**:

- Вазъи адабиву иҷтимоии солҳои шастуми садаи бист, хусусиятҳои эҷодии давраи аввали эҷодиёти Лоиқро муайян мекунад. Дар заминаи рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии ин солҳо ва санадҳои зиндагиномаи шоир зинаҳои ташаккули фардияти эҷодӣ ва аввалин ҷустори ҳунарии Лоиқ аз назар гузаронида шудааст. Дар ҳамин равиш ба масъалаи алоқаи мавзӯии эҷодиёти ин давраи шоир ба муосиронаш диққат дода шудааст.

- Масъалаи инъикоси воқеиятҳои замон дар эҷодиёти солҳои ҳафтоду ҳаштоди садаи бист ва таҳаввулот дар шаклу мундариҷаи осори шоир ҷолиби диққат буда, тарзи фарогирии воқеиятҳо ҳунари шоирро ошкор месозад.

- Солҳои ҳафтоду ҳаштод давраи дувум ва муҳими эҷодиёти Лоиқ буда, дар осори индавраинаи ӯ рангу намоди таърихиву миллӣ, мавзӯъҳои модар ва зан, кӯдакӣ, ҷанг ва сулҳ, муяҳои ошиқона, васфи табиат, сиёсиву иҷтимоӣ ва ғайра ҷойгоҳи хос пайдо мекунанд. Дар ин замина шеъри Лоиқ аз як тараф, ба фарҳангу эътиқоде, ки суннати мондагори меросӣ буд, бозмегардад ва аз дигар сӯ, табодули ҳиссу идрок бо шеъри ҷаҳонро пешорӯ дорад, ки ин ҳар ду чеҳраи шоирии ӯро мушаххас месозад.

- Маҷмӯи мушкилоти иҷтимоиву таърихӣ ва ҷамъиятию адабӣ аз бисёр ҷиҳат ҷустуҷӯҳо ва мундариҷаву хусусияти бадеии

осори Лоиқро муайян менамоянд. Ашъори ин давраи шоир бо оҳанги амиқи фалсафӣ, андешаҳо дар бораи зиндагӣ ва ормонҳои инсониву миллӣ саршор мебошанд.

- Корбурди жанрҳо (дар эҷодиёти шоир) масъалаи суннатгароӣ ва навовариро ба миён мегузорад. Лоиқ дар истифодаи жанрҳои гуногун равиши хосро пеш гирифта, гуногунрангӣ дар шеъри ӯ хусусиятҳои шакливу мундариҷавиро муайян менамояд. Навҷӯиҳои шоир дар шаклҳои шеърӣ ифодагари хусусиятҳои хоси тафаккури бадеӣ ва фардияти эҷодии ӯст.

**Апробатсияи таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конфронсҳои солонаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ҳамчунин дар шаш мақолаи илмии диссертант гузориш ёфтааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики донишгоҳи мазкур (протокол №2, аз 29.09.2018) муҳокима ва ба дифоъ тавсия шудааст.

**Сохтори рисола**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, панҷ фасл, хулоса, китобнома ва 176 саҳифа иборат аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** зарурати таҳқиқи мавзӯъ асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Ҳамчунин, методикаи таҳқиқ тавсиф шуда, арзиши назариву амалии кор бо далелҳо собит ва дараҷаи таҳқиқи масъала муайян гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «**Вазъи адабии солҳои шастуми садаи XX ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ**» номида шудааст. Дар ин боб вазъи иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии давраи аввали эҷодиёти Лоиқ, воқеаҳо ва санадҳои воқеие, ки дар шаклгирии шахсияти шоир ва фардияти ҳунариаш нақши муҳим доштаанд, таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Муайян карда шудааст, ки пайравӣ ва корбасти суннатҳои волои сухангустарӣ, ки мероси шоирони бузурги гузашта ва пеш аз Лоиқ буд, дар шаклгирии фардияти эҷодии ӯ нақши хос доштаанд.

Қарорҳои ҳизби коммунист ва давлати Шӯравӣ дар соҳаи адабиёт, театр, кино ва санъати мусиқӣ дар як давраи тӯлонӣ дар муҳити адабӣ вазъияти тарсовар ва тобеияти бечуну чаро ба болоро ба вуҷуд овард. Чунин сиёсат омили асосии таназзули адабиёти асил гардида буд. Осори адибони ҳақгӯву навовар на фақат чоп намешуд, балки худи онҳо ҳадафи таҳқиру таъқиб

қарор мегирифтанд. Ин ҷараён барои адабиёти тоҷик мисли адабиёти халқҳои дигари Шӯравии собиқ бисёр гарон афтид ва то солҳои шаст ва баъди он низ ба ҳар ранге идома пайдо кард. Фишорҳои сиёсӣ, ки бар сари устод С.Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода ва Сотим Улуғзода дар он рӯзгорон омада буд, фарояндҳои асафбори маънавии ҷомеаро рақам мезад ва монеаи воқеӣ дар роҳи пешрафти адабиёт буд.

Ҳамчунон ки академик Н. Салимов таъкид кардааст: «Солҳое, ки сиёсати ҷорӣ бо панҷаҳои гирою хунрези худ, тавассути утопияи иҷтимоии баробарии халқҳо ва кулли заҳматкашон ба шаклҳои бисёр номуносиб тадриҷан тафриқаҳои табақавӣ ва ғоявиро ба бунёди тафаккури бадеӣ ворид овард, эстетикаи заифниҳоди нормативӣ ва ҳатто примитивӣ, қолабҳои якранги бадеӣ нуфузи ҳамагонӣ пайдо кард ва муҳри асолати фардиву ҳунарӣ хираву камнур гардид» (5,18).

Ин ҳама дастдарозиҳо ба асолати адабиёту ҳунар ба вазъи адабиёт, бахусус шеър таъсири манфӣ расонида, ба истиқлоли фардии шоирону нависандагон латма ворид кард. Ин ҳолат шеъри тоҷикиро аз тааммуқписандиву фалсафаҷӯӣ маҳрум ва дастихуш ва мубаллиғи сиёсат ва режими давр сохт. Шеър василаи таблиғи хушку урён, шиорҳову даъватҳои расмӣ ва сиёсии рӯз гардид. Ба ифодаи дақиқтар, «сиёсатгароии маҳз ва ба қолаби шеър даровардани гапҳои одии забонзад, он чӣ «шеъри сармақола» номида шуда буд, аз аввали инқилоб сар карда, солҳои бисту сӣ ва пас аз он хеле ривоҷ ёфт ва дар бисёр мавридҳо адабиётро аз моҳияти аслии он маҳрум сохт, назму насрро аз шеърияти асил дур бурд» (18, 412).

Дар охири солҳои панҷоҳуми садаи бист сиёсати ҳизби коммунист ва давлати Шӯравӣ нисбат ба адабиёт як дараҷа нарм шуда бошад ҳам, синфиятҷӯӣ ва ғояҳои дархӯри сиёсату идеологияи шӯравӣ усули асосии адабиёт дониста мешуд ва фардияти эҷодиро маҳдуд мекард. Бо вуҷуди ин, чеҳраҳои адабие чун С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М.Турсунзода,Ҷ.Икромӣ ва С.Улуғзода бо баъзе таълифоти таърихиашон аз фардияти эҷодӣ ва ҳувияти ҳунариашон дарак доданд. Онҳо «овози худ»- ро (Тургенев) доштанд, бинобар ин, ҳарфи тозаи худро то ҷое гуфта тавонистанд.

Ҳарчанд сиёсати давр бо гуфтани ҳақиқат имкон намедод ё ҳақиқатгӯиро маҳдуд мекард, Мирзо Турсунзода ба гуфтани воқеияти иҷтимоӣ, тасвири сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ ва фоҷеаҳои рӯзгори гузаштаи ҳаммиллатонаш ба қадри тавон даст

ёфт. Дар матни воқеият «Ман аз Шарқи озод»-ро (1950) навишт. Баъдтар ба дарки фалсафии рӯйдодҳои таърихии Шарқи муосир наздик шуд, ки манзумаи «Садои Осиё» (1955) ва достонҳои «Чароғи абадӣ» (1957) ва «Ҷони ширин» (1960) маҳсули ҳамин тамоюли эҷодии ӯст.(18,420).

Пеш аз М. Турсунзода устод Айнӣ, Пайрав, Лоҳутӣ, Раҳимӣ ва Миршакар ба масъалаҳои бедории иҷтимоиву маънавӣ, таърихӣ ва миллӣ таваҷҷуҳ кардаанд, вале М. Турсунзода дарки бадеии ин матолибро ба савияи худогоҳии халқ бардошт ва дар ниҳояти кор ба ҷамъбасти бадеии фалсафӣ даст ёфта, тасвир ва тавсифи арзишҳои ҳамагонии башариро аз сиёсатгароии маҳз имтиёз дод. Шоир ба ифодаи хусусиятҳои фардӣ ва миллии шахсиятҳои осораш таваҷҷуҳи бештар кард, ки ифодагари фардияти эҷодии ӯ буда, ба шаклгирии фардияти эҷодии шоирони баъдӣ, аз ҷумла Мӯъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Гулчеҳра, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ва дигарон бетаъсир набуд.

Дар матни ҳамин рӯйдодҳо Лоиқ пой ба майдони адабиёт гузошт ва замоне, ки ҳанӯз донишҷӯ буд, аввалин шеърашро суруд (4,12). Ин шеър зери унвони «Ном» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуд. Он ҷузъи зиндагиномаи шоир буда, дар шаклгирии шахсияти шоир нақши муҳим бозидааст. Санади тарҷумаҳолӣ дар ин шеър, дунёи лирикии муаллифро таҷассум сохта, мисраи охирини шеър: «Сабт кун номат ба қалби мардумони бовафо» -ҳикмати зиндагиро пеш мекашад.

Дар диссертатсия шеърҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ таҳқиқ шуда, дар мисоли онҳо таҳаввулоти тафаккури шоиронаи ӯ, ки хусусиятҳои хоси низоми образҳои шеъриашро ифода мекунанд, арзёбӣ шудааст. Аз як шеър то шеъри дигар ҷашмрастар шудани фардияти эҷодии шоир нишон дода шудааст.

Нахустин шеърҳои Лоиқ махсусияти фардии эҷодӣ ва пайванди ҷаҳони маънавиашро бо ҳадафҳои воқеии инсон ва замон инъикос мекунанд. Он чӣ ки ӯ дар шеърҳои аввалинаш тасвир кардааст, ифодагари боварҳо ва ормонҳои созандаи ӯянд. Бесабаб нест, ки маҷмӯаи «Сари сабз»-ро, ки дар он шеърҳои аввалинаш гирд омадаанд, муҳаққиқон «Маромномаи эҷодии шоир» (4,2) унвон кардаанд. Воқеан ҳам, бисёре аз шеърҳои ин маҷмӯа ифодагари розу ниёзи шоир аз шеър ва зиндагист. Ба назари Лоиқ ғараз аз шоирӣ, монанди ҳамаи ҳунарҳо, ин аст, ки зиндагии инсонро пурмоя ва зебо созад. Ба тамомият ва камоли зиндагии инсон кӯмак кунад, дари ҳидояташро ба рӯйи вай боз намояд, агар не, беҳуда ва бемаънист.

Ҳамин ҳисси масъулият, шинохти қадр ва манзалати сухан, дарки эҳтиёҷоти маънавии хонанда дар қадамҳои аввалин ӯро ба баёни шоиронаи ормонҳои инсонӣ водошт ва дар ин замина ҳарфи бодалел, дақиқ ва таъсиргузор гуфт, ки бо тафаккури созандаи гузаштагон, ҳадафҳои инсонӣ ва ҳунарии шеъри пешиниёну муосиронаш ҳамхонӣ дошт. Аз оғоз оҳанги шахсӣ дар шеъраш бо тасаввуроти ҷомеъи шинохти шарофати инсон ва муқаддасоти зиндагӣ пайванд буд. Ба масъалаҳои иҷтимоиву ахлоқ таваҷҷуҳ карда, шоир образҳои ҳамсони худашро меофарад. Симои онҳоеро, ки мисли ӯ зиндагӣ барояшон имтиҳон аст, имтиҳони садоқат ва поймардӣ. Шеърҳои «Зарафшон», «Меҳр ва зар», «Арча», «Сабзаи баҳор» ва ғайра дар ҳамин равиш гуфта шуда, тасвири ҳолнамо дар онҳо имтиёз дорад.

Ҷустуҷӯҳои эҷодии Лоиқ дар оғози фаъолияти шоириаш аз таҷрибаи пешиниёну баъдиниён ва ҳамовардонаш ҷудо набуд. Симои инсони орзуманд, талошгар ва фидокор ҳадафи эҷодӣ қарор гирифта буд, ки аз матни воқеияти сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавӣ берун меомад. Ҳарчанд ҳар шоире дар ҷустуҷӯи сохтори шакливу мундариҷавӣ роҳу равиши хоси худро дошт, вале рӯҳияи фаъолиятмандӣ ва муносибати шодхорона ба ҳар чизи нав, ки зиндагиро ба беҳӣ тағйир диҳад, миёни шоирон умумият дошт. Ин фароянди маънавӣ реша дар таблиғоти густурдаи низом оид ба арзишҳои волои ҷомеаи табақотии Шӯравӣ дошт, ки зеҳнияти мардум, аз ҷумла аҳли адабро ба тобеияти комили худ даровaрда буд.

Лоиқ, ҳарчанд монанди шоирони муосираш дар ҳамин гуна муҳит мезисту эҷод мекард, вале осори давраи аввали эҷодиёташ гувоҳи диди хоси ӯ ба воқеият буд. Шеърҳои маҷмӯаи «Сари сабз» нишон медиҳанд, ки Лоиқ аз оғоз аз зикри сатҳиву беобуранги зоҳири воқеаҳою рӯйдодҳо, шӯру валвалаи даъват ба кор, ба пахтачинӣ, васфи дилбазани пешвоёни сиёсӣ, тамҷиди дастовардҳои моддиву маишиву истеҳсолӣ даст кашида, дарк ва таҳлилу таҳқиқи амиқи моҳияти масъалаҳои иҷтимоиву маънавӣ ва ифшои ҳолатҳои равониву ахлоқии инсонро ҳадафи эҷодӣ қарор додааст.

Сиву ду шеър ва нуздаҳ рубоии маҷмӯаи аввалини шоир ифодагари таҳаввулоти тадриҷии эҷодии шоир буда, шакл ва мундариҷаи ин шеърҳо фардияти диди шоирона ва тарзи хоси нигоришашро таҷассум сохтаанд. Чизи нав, муҳтавои тозаро аз зиндагӣ дарёфта, Лоиқ тавонистааст, ки ба василаи тасвирҳо ва образҳои шоирона хонандаро мутақоиди ҳақиқати шинохти

зиндагӣ, андешаву оро ва дарёфтҳои зебоишинохтии худ созад. Бинобар ин, бо гузашти замон шеърҳои аввалини шоир барои хонанда куҳна нашудаанд. Ҳадафи олии маънавӣ ва ҳунарӣ омили умри бардавоми ин ва шеърҳои дигари Лоиқ мебошанд.

Яке аз тамоюлҳое, ки дар таъйини фардияти эҷодии Лоиқ муассир аст, муқовимати маънавӣ ва ҳунарии ӯ ба ноҷӯриҳои маънавии рӯзгор ва шахсиятҳои худбохта мебошад. Ӯ шеъри «Кӯҳистон»-ро 5-уми апрели соли 1966 навишта буд. Ин замоне буд, ки суннатҳои миллӣ қадр надоштанд. Ҷои онҳоро арзишҳои таҳмилӣ ва тахрибгар ишғол мекарданд. Ҷомеаро идеологияи ҳоким ба самти фосилагирӣ аз арзишҳои миллӣ раҳнамоӣ мекард. Лоиқ бо шеъри зикршуда муҳтавои тоза,масъалаи ҳифз ва посдории суннатҳои миллӣ ва самтгирӣ ба сӯи худшиносии миллиро ба адабиёт овард. Мақолаи «Дар боби анъана ва русуми нав» ин мавзӯъро дар эҷодиёти ӯ идома бахшида, дар маҷмӯъ ифодагари равияи муқовимат дар эҷодиёти индавраинаи шоиранд. Дар диссертатсия равиши худшиносии миллӣ, ки фардияти ҳунарии ӯро дар ибтидои фаъолияти эҷодияш таҷассум кардааст, бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст.

Дар нахустин шеърҳои Лоиқ «шахсияти шоир дар ҷои аввал меистад» (В.Г.Белинский), ки дар шаклгирии фардияти эҷодияш нақши муассир дорад. Бо ин усул шоир дилашро дар пеши хонанда мекушояд ва андешаашро баён мекунад. Ӯро бо шахсияти худ, ормонҳо ва гирудори замон, ки аз дилаш мегузарад, ошно месозад. Шикофи маҷозии дунёи пора-пораи аз дили шоир гузашта (Гайне) рамзи пайванди устувори шоир бо рӯйдодҳои воқеист, ки дар хислат ва шахсияти ӯ таҷассум ёфтааст.

Шахсияти Лоиқ дар ашъори индавраинааш бо махсусият, нотакрорӣ, фардияти равшан, бо он чи ки ба дили мардум наздик аст, зоҳир мешавад. Дар ин ҳол, қаҳрамони лирикии шеър ормони шоирро таҷассум сохта, шахсияти инсонӣ ва фардияти ҳунариашро рақам мезанад. Аз ин назар, шеърҳои «Хандаи ҷонона» (1961), «Сабзаи баҳор»(1961), «Ба дӯстам Дӯст» (1962), «Ёди як ҳамсабақи марҳумам» (1962), «Во ҷавонӣ» (1963), «Кишвари баркамол» (1964), «Ба модарам» (1964) ва ғайра фардияти эҷодии ӯро, ки муҳимтарин фазилати он андешапарварӣ аст, муҷассам сохтаанд. Шеърҳои дар ин давра эҷодкардаи шоир ҳимоят ва масъулияти инсонии шахсияти шеърро ифода кардаанд, ки низ паҳлуи дигари фардияти эҷодии ӯст. Ин равиш ҷанбаи ахлоқии ашъори шоирро афзуда, ба ифодаи М.Шукуров «андешапарварӣ Лоиқро ба ҳикматомӯзӣ ва пандомӯзии классикӣ

бештар наздик овардааст» (17,128). Вале ин тарзи нигориши Лоиқ насиҳатпардозии хушк ва берӯҳ, ки дар шеъри тоҷикии он замон ривоҷ дошт, набуд. Дар ин гуна шеърҳо шоир аз нақли маҳзи мазмун худдорӣ карда, гароиши бештар ба тасвир дорад. Дар мисоли шеъри «Арча» (1961) метавон гуфт, ки Лоиқ бо истифода аз забони воқеӣ бо усули бознамоии таҷрибаи ҳиссӣ акси табиӣ аз ашё (арча)-ро падид овардааст, ки дар оғози фаъолияти шоириаш таҷрибаи нодир аст. Лоиқ ба воситаи тасвири забонӣ ва воқеии «арча» як тасвири содаро ба вуҷуд овардааст, ки дар ҳофизаи мо сабт шуда ва аз тариқи идроки калимаи «арча» сурати он дар зеҳн пайдо мешавад. Чунончи:

***Ин арча ба рӯи санги сахту сари кӯҳ***
***Худ рӯидаасту реша бар шах мондаст.***
***Ҳоҷат ба касе набурда, аз санги сиях***
***Рӯзии худаш ба зӯри худ бистондаст (15,315).***

Лоиқ дар ин шеър бо тасвири тахайюлӣ дунёи матлуб ва дилхоҳро офарида, падидаи нимаинсонӣ ва ниматабиии тасвирӣ моҳияти ҳаёти маънавии инсонро таҷассум менамояд, ки аз андарзгӯиҳои хушку берӯҳ дур аст.

Ин ва бисёре аз шеърҳое, ки дар маҷмӯаи аввалини Лоиқ гирд омадаанд, хусусиятҳои хоси тафаккури шоиронаи ӯро дар дарк ва таҷассуми бадеии воқеияти он солҳо нишон медиҳанд. Ин шеърҳо аз тахайюлоти созандаи умедпарвар саршор буда, сарчашмаи онҳо зиндагии воқеист. Аксари шеърҳои индавраинаи шоир таҷассуми саҳнаҳои пурҳиссиёти умедпарвар ва худафрӯзиҳои шоир буда, дар аксар ҳол ба категорияи ёдвораҳои шоирона дохил мешаванд. Ин ёдвораҳои хос аст, зеро чунон ки дар шеъри то солҳои шаст расм буд, аз назари ботинии шоир одамон, рӯйдодҳо ва ҳолатҳо нагузашта, балки ҳис, таассурот, умеду орзу ва рӯъё андешаи ӯро бо гузашта, имрӯза ва оянда мепайвандад. Албатта, ин таҷрибаи шоирии Лоиқ аз фаъолияти эҷодии пешкисватонаш, бахусус, М.Турсунзода, М.Қаноат, А.Шукӯҳӣ ва чанд тани дигар ҷудо набуд. Вале дар ин равиш усули ҷаҳоншиносӣ ва зебоишиносии Лоиқ фарқи ҷиддӣ дошт. Дар таҷрибаи пешкисватони Лоиқ воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва тарҷумаиҳолӣ омили муҳими низоми мундариҷавӣ ва зебоишинохтии шеър аст. Дар шеъри Лоиқ ҷиҳатгирии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва равиши тарҷумаиҳолӣ ба назар намерасад, балки ҷаҳони эҳсосҳо, таассурот, умеду орзуҳо ва худафрӯзиҳо тарзи диди бадеӣ ва арзёбиҳояшро муайян мекунад. Бинобар ин, метавон хулоса кард, ки ғояҳо, образҳо (бадеӣ ва шеърӣ) ва

мундаричаи ҳиссии ашъори шоир сарманшаи воқеӣ дошта, бархӯрд бо онҳо ангезандаи тахайюли шоир аст. Аз ин ҷиҳат, одамон, рӯйдодҳо ва ашёҳо дар шеъри Лоиқ ҳамчун василаи андеша, ҳис ва таассурот ёд мешаванд, на ба сифати сарчашмаи асосӣ. Чунин мавқеияти ӯро шеърҳои «Ёди як ҳамсабақи марҳумам», «Кишвари баркамол», «Сатрҳои нотамом» ва ғайра тасдиқ менамоянд.

Ҳарчанд бисёре аз шеърҳои маҷмӯаи аввалини Лоиқ шогирдона бошанд ҳам, тасвир дар онҳо тавсифӣ ва гузоришӣ нест, ҳамчунон ки дар шеъри тоҷикии солҳои панҷоҳ ба назар мерасад. Тасвир дар шеъри Лоиқ баёнгари эҳсос ва отифаи шахсии ҳунарманд аст. Ин тарзи тасвир, албатта дар адабиёти дунё, аз ҷумла шеъри рус ва Эрон шоеъ аст ва ҳадафи он рози ашёро аз раҳгузари изҳороти шахсӣ баён кардан ва маънои онро аз ин роҳ нишон додан аст. Шоир дар ин тарзи эҷод, на ба зеҳни мантиқӣ ва нирӯи ақлонӣ, балки ба биниш, силсилаи хулосаҳои ҷомеъ ва ҳавосу авотиф такя меҷӯяд. Дар ин ҳол Лоиқ танҳо ба воситаи таҷрибаи шахсӣ ва тахайюлӣ тавонистааст, ки роҳи ҳис ва андешаашро баён кунад. Ба ифодаи дигар, «таъбири як шайъ бидуни тасарруфи отифӣ» (8,139) дар таҷрибаи шоирии ӯ писандида нест. Аз ин ҷиҳат, тасвирҳои Лоиқ дар беҳтарин шеърҳои давраи аввали эҷодиёташ аксаран ҳомили авотифи шахсии ӯянд, бинобар ин, хоси ӯ буда, ранги махсуси шахсият ва ҳувияти фардиашро равшан месозад.

Боби дувуми диссертатсия «**Хусусиятҳои эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқ»** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли аввал, ки **«Мавзӯоти шеъри Лоиқ ва биниши фардии ӯ**» номида шудааст, нақши хоси Лоиқ дар инъикоси ин ё он мавзӯъ таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст.

Мазмуну муҳтаво дар шеъри Лоиқ масъалаи гароиш ба шеъри асилро матраҳ месозад, ки бармегардад ба тарзи ифодаи эҳсос ва талақии хос аз ин ё он мавзӯъ дар эҷодиёти шоир. Худоӣ Шарифов барҳақ навиштааст, ки «дар шеъри замони шӯравии тоҷикӣ мавзӯъ ва муҳтаво мақсад ва вазифаи мақоми аввали шеъру шоирӣ шудааст. Ҳунари шоирӣ, майли андеша ва мақсади эҷодӣ аз интихобу баррасӣ ва пешниҳоди мавзӯъ ва муҳтаво иборат буд. Шахсияти шоирии Лоиқ ҳам, аз муҳтавои шеъри ӯ намудор мегардид. Мавзӯъ воситаи муҳими ибрози назар ва робитаи андеша ба воқеият, мудохилаи зеҳнию адабӣ ба раванди ногувор ва хушиҳои рӯзгор мебошад. Таснифу таҳлили шеър ҳам дар таҳқиқу накди адабии Тоҷикистон мавзӯӣ будааст» (13,135).

Таҳқиқу накди мавзӯӣ, мутаассифона, аксаран хусусияти иттилоотӣ ва тавсифӣ дошт ва ба ошкор сохтани хусусиятҳои хоси ҳунари бадеии ин ё он шоир дар тасвири мавзӯъ чандон эътибор намедод. Солҳои охир ин равиш таҳаввул пайдо кард.

Бар хилофи тасвири иҷтимоигарои солҳои чилу панҷоҳ ва ибтидои шаст, ки бар инъикоси тавсифии мавзӯву масъалаҳо асос ёфта, таҷрибаҳои дастҷамъиро фақат тавсиф мекард ва таҷрибаи шахсии шоир камтар дар тасвир инъикос мешуд, Лоиқ тарзу тариқи дигари тасвири мавзӯву масъалаҳоро ихтиёр кард.

Лоиқ аз аввалин қадамҳояш рӯҳиёти амиқи шахсӣ дошт, ки ҳувияти фардияшро дар шинохти воқеият муайян мекард. Ҳарчанд таҷрибаи шоириаш умумият ва муштаракоте бо пешгузаштагон ва муосиронаш дошт, аммо дар шеъри «Ном» нигариши хос ва фардияти ҷудогонаи ӯ ошкор буд ва худи унвони шеър мавзӯи онро матраҳ мекард. Шоир дар ин шеър масъалаи чӣ гуна зинда мондану номвар шуданро шоирона матраҳ карда, ба суоли пешгузоштааш посухи равшан медиҳад. Ҳарчанд дар ин шеър низ то ҷое муҳтавогароӣ нуфуз дорад, вале тасвири воқеӣ ва ҳолнамо мавзӯъро муассир сохтааст.

Дар шеъри зикршуда андешаҳо дар раванди пайвастае пушти ҳам, чунон омадаанд, ки гӯӣ донаҳои дарҳам пайвастаи як занҷиранд. Андешаҳо бе он ки аз ҳам гусаста шаванд, ҳамдигарро ҳимоят мекунанд, такмил мебахшанд ва бори эҳсоси шоирро дӯш ба дӯш то поёни шеър интиқол медиҳанд. Дар шеър эҳсос ва андеша ҷои тасвирро гирифта, ба шеър шакл медиҳад. Ин андеша ва эҳсоси воҳид сабаби ваҳдати мундариҷаву шакл мегардад. Ҳангоми офаридани шеър шоир дар фазо ва ҳолати рӯҳии воҳид қарор мегирад ва бар шуури шоирона нигариши бофтгаро ҳоким мешавад. Дар ин бофти рӯҳӣ ва маънавӣ мавзӯъ ба сурати ҳоли шоир ва эҳсосу шуури ӯ дармеояд.

Мавзӯъ, андеша ва натиҷагирии ахлоқӣ дар шеъри «Ном» ҷузъе аз таҷрибаи зиндагӣ ва рӯҳии шоир буда, бо эҳсоси куллии шеър ҳамранг мегардад. Ҷузъҳои шеър (шуҳратталабии ҷавон, номашро дар санг ҳак кардан) аз батни эҳсоси шоир рӯида, ҳамагӣ як ҳол ва андешаи ҳикматомези воҳидро ҳамл мекунанд.

Тафаккури лирикии шоир, эҳсоси воҳид ва таҷрибаи шеърӣ ҳамчун як ришта дар шеъри Лоиқ дар заминаи мавзӯъҳои гуногун тасвирҳоро ба ҳам пайваста, сохтори дарунии шеърҳои ӯро меофаринанд. Ҳамаи аҷзои шеър дар партави як нури отифӣ ранг мепазирад ва дар пайкараи шеър ҷой мегирад. Вақте он рӯҳ (ҳолати рӯҳӣ) поён ёфт, шеър тамом мешавад. Ин тарзи тасвир дар

эҷодиёти Лоиқ тадриҷан ташаккул ва таҳаввул ёфта, шеъри ӯро аз муҳтавогароӣ мераҳонад ва тасвирҳо ва мазмунҳоро ба ҳам пайванд медиҳад. Дар ҳамин матн тарзи интихоб, арзёбӣ ва пешниҳоди мавзӯъ, ҳунари шоирӣ ва фардияти эҷодии Лоиқро дар ҳамаи давраҳои эҷодиёташ намоёнгар аст. Мавзӯъ чеҳраи шоирии Лоиқро мушаххас месозад. Яке аз ҳамин гуна мавзӯъҳо дар эҷодиёти шоир ишқ аст.

Дар диссертатсия паҳлуҳои гуногуни ин мавзӯъ таҳлил ва арзёбӣ шуда, тамоюли фикрӣ ва ҳунарии Лоиқ дар инъикоси мавзӯъҳои ишқӣ мушаххас гардидааст.

Дар мисоли таҷрибаи шоирии Лоиқ метавон хулоса кард, ки шахсият дар шеърҳои ишқии ӯ дар ҷои аввал меистад ва хонанда аз ин роҳ ҳама чизро мепазирад ва ҳис мекунад. Ҳамин равиши дарки сареҳи воқеият дар замон ва макони мушаххас Лоиқро водошт, ки дар заминаи эҳсос ва андешаи фардӣ, ки ҳамагонӣ низ ҳаст, шеъри ишқӣ гӯяд.

Замоне ки Лоиқ нахустин шеърҳои ошиқонаашро суруд, хостаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фармуда бар муҳити зеҳнии шоирон тасаллут дошт. Вале Лоиқ тавонист худро аз ин панҷара берун кашад ва ба дуртар нигарад. Ӯ ҳама чизро бо чашми худ дид ва бо меъёрҳои зеҳниву ахлоқӣ ва зебоишинохтӣ андоза кард. Дар ҳоле ки ишқномаҳои хеле ками Ғаффор Мирзо ва Мӯъмин Қаноатро наметавон бо ошиқонаҳои Лоиқ баробар кард. Шеърҳои лирикии устодон Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзодаро, ба ифодаи Гулназар «ба ҷӯи ороме шабоҳат диҳем, лирикаи Лоиқ ба дарёи пурғалаён ва ошӯбгар монанд аст» (1,20) . Лоиқ тавонист бо ҳассосияти фавқулода ва қудрати баён ба ниёзмандиҳои маънавии ҷомеа дар заминаи анвоъ ва ақсоми эҳсосот ва авотифи башарӣ ба мазмунҳои ошиқона ранги дигар бахшад.

Дар давраи аввали эҷодиёташ ин гуна шеърҳои Лоиқ бештар хусусияти муҳтавогароӣ доштанд. Шеърҳои «Додгоҳи хотира», «Дар базм», «Хотира дар пушти сурат», «Маро хушбахт кун, эй гул!» ва ғайра ба ин тарз эҷод шудаанд. Тафовути ишқияҳои баъдии шоир аз давраи аввал дар он аст, ки аз солҳои ҳафтод ба баъд дар тарзи нигориши ӯ тасвиргарӣ бар муҳтавогароӣ нуфуз пайдо мекунад. Илова ба ин, Лоиқ дар ишқияҳои баъдиаш пироҳани хоси миллӣ пӯшонд, ки низ фардияти эҷодиашро ифода мекард.

Лоиқ аз шоирони нодире буд, ки дар оғози фаъолияти эҷодиаш аз дастурҳои назарии тафриқаандози табақотиву ғоявӣ фосила гирифта, зебоишинохтии заифниҳоди нормативӣ ва

примитивӣ низ дар тафаккури бадеиаш таъсир ва нуфуз надошт. Назари хос ва фардияти эҷодиаш дар инъикос ва фарогирии мавзӯъҳо шеъри ӯро аз муҳтавогароии маҳз ва қолабҳои якранги бадеӣ раҳонид. Бинобар ин, дар чӣ мавзӯе шеър гуфта бошад, мавриди қабули завқи умум ва пазироӣ қарор гирифт. Ҳамчунон ки «шеърҳои нағзи ошиқонаи шоир» (А.Сатторзода), ба ифодаи Гулназар номаҳои ошиқонро оро дода, ҷавонон бо шеъри Лоиқ ишқварзӣ мекарданд (1,12). Шеърҳои дар васфи модар, Ватан, миллат, инсон навиштааш, афкори ҳикамиаш низ мавриди қабули хосу ом буданд ва тарзи идрок ва инъикоси ин мавзӯъҳо омили асосии нуфузи шеъри шоир дар зеҳнияти мардум ва муҳити адабӣ буд. Дар ин бахши диссертатсия тарзи идроки бадеии шоир дар инъикоси бадеии мавзӯъҳои гуногун нақд ва арзёбӣ шудааст.

Дар фасли дуюми боби дувум, ки **«Лоиқ ва ҳувияти миллӣ»** ном гирифтааст, масъалаҳои инъикоси худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллӣ дар эҷодиёти шоир таҳқиқ ва таҳлил шудааст.

Ҳувияти инсонӣ ва фардияти ҳунарии Лоиқ дар шинохти миллат, ватан ва арзишҳои миллӣ аз нахустин шеърҳояш, аз ҷумла шеъри «Зарафшон» (1960) ва мақолаҳояш, ки дар мавзӯи ҳимоят аз расму оини миллӣ дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп карда буд, равшан ба назар мерасид. Дар ҳамон шеъри «Зарафшон» унсури муҳими табиат-дарё намоди миллии ибрат ба назар омада буд. Ин тамоюли ҳунарӣ аз оғоз баёнгари тарзи хоси дид ва идроки бадеии Лоиқ буд, ки минбаъд тадриҷан ташаккул ёфт.

Зимнан бояд зикр кард, ки дар давраи аввали эҷодиёташ биниши бадеии Лоиқ мисли дигар шоирон дар идроки воқеиятҳои таърихӣ, шинохти ҳастии таърихӣ ва ҳувияти миллӣ мустақил набуд. Ҳатто ҳамон шеъри машҳури «Ватан», ки бо мисраи «Ватан сар мешавад аз гоҳвора» оғоз мешавад, зери таъсири шеъри шоири рус М.Матусовский «С чего начинается Родина?» эҷод шуда буд. Вале дар ҳамин шеър низ рӯҳи мушаххаси миллӣ, эҳсосу таассурот бо андешаи миллӣ ба ҳам омада, шеъри Лоиқро аз умумигӯиҳои он рӯзгор ҷудо мекард. Аз солҳои ҳафтод ба баъд афзоиши гунҷоиши ёди таърихӣ равиши худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллиро дар эҷодиёти Лоиқ муайян кард. Ба ифодаи М.Шакурӣ шеъри асили худшиносӣ «бо ҷусторҳои эҷодгарии Лоиқ ва Бозор Собир» шурӯъ шуда, то имрӯз дар рушди он Мӯъмин Қаноат, Гулрухсор, Гулназар, Аскар Ҳаким, Фарзона нақши вежа доранд. Аммо рушду камоли шеъри худшиносӣ бештар аз ҳама ба нигоҳи хос ва сухани обдори Лоиқ вобаста аст (18,453).

Ин тарзи нигариш ва ҳувиятҷӯии Лоиқ нахустин бор дар шеъри «Хоки Ватан» бо «нигоҳи тоза ва сухани обдор» (А.Сатторзода) ҷолиби диққат буд. Ин шеър «бо мазмуну образҳои тозаи шоирона ғояи неку олӣ, вусъату амиқии тасвирҳо, вазни хушу интонатсияи бой имтиёз» (7, 96) дошт. Имтиёзи дигар ва муҳими ин шеър дар мавзӯву мундариҷаи он буд. Таваҷҷуҳи зеҳнии шоир (қаҳрамони лирикӣ) ба санади таърих яке аз усулҳои ҳувиятшиносии миллӣ дар шеър аст. Санади таърих ҳофизаро таҳрик мебахшад, гузаштаро бо имрӯз қарин месозад, ки тарзи тоза ва пурмаънии худшиносии таърихӣ ва ҳувиятшиносии миллӣ дар эҷодиёти шоир аст. Андешаи зеҳнии шоир бар фоҷиаҳои сарнавишти таърихии тоҷикон таъкид дошта, ба ифодаи А.Ҳакимов «бузургии маънавии халқ»-ро (10, 167) муҷассам месозад.

Лоиқ ба василаи ин шеър назарияи коммунистии ягонагии халқҳои Шӯравӣ ва исломии ваҳдати фарзандони одамро зери суоул бурда, Ватанро, пеш аз ҳама иттиҳоди иҷтимоии соҳибони он таъбир кард. Бинобар ин, дар шеъри зикршуда образи шеърии <u>як каф хоки Ватан</u> ифодагари ҳастии таърихӣ ва фарҳангии Ватан ва миллат аст. Дар тасвири Лоиқ Ватан фақат як истилоҳи ҷуғрофиёӣ набуда, балки меҳвари рӯҳоният ва ҳувияти миллат аст, ки Ватан ба он нисбат дода мешавад. Аз ин ҷиҳат маънии маҷозии <u>хоки Ватан</u> ва ифодаи <u>мардони пурҳасрат</u> , ки хоки Тоҷикистонро парешон кардаанд, дар таъйиди ҳамин назари меҳвари рӯҳоният ва ҳувияти миллӣ будани Ватан аст.

Сабаби дигари муваффақияти ин шеър аввалан, аз шеваи меҳварии зеҳнӣ кор гирифтани шоир аст, сониян, ҳадафи ғоявии он, ки марбут мешавад ба масъалаҳои худшиносии таърихӣ ва ҳувияти миллӣ. Ба ҳамин сабаб, ин шеъри Лоиқ пайравони зиёд пайдо кард, вале ҳеҷ кадоме аз онҳо муваффақ нашуданд. Агар беҳтарини ин пайравиҳо шеъри Бозор Собир бошад, дарёфти ӯ низ, ба қавли Гулназар «он қадар шоирона» (1,68) набудааст. Ба назари мо камтаъсирии шеъри Бозор дар он аст, ки образи шеърӣ бофта буда, заминаи воқеӣ ва бо зеҳнияти мардум мувофиқат надорад. Образи шеърии <u>як каф хоки Ватан</u> дар шеъри Лоиқ заминаи воқеӣ, зеҳнӣ ва миллӣ дошта, дарёфти пайванди ҳиссӣ миёни воқеияти образи шеърӣ ва таҷрибаи ҳиссӣ ба он шукӯҳи маънавӣ ва пӯёӣ бахшидааст, ки омили аслии таъсирбахшии он аст.

Тамоюли худшиносии таърихӣ ва ҳувиятшиносии миллиро дар эҷодиёти Лоиқ шеърҳои ба таърих ва шахсиятҳои таърихӣ бахшидаи ӯ тақвият мебахшад. Ин гуна шеърҳо ҷузъи эҳсос ва андешаи шоир буда, консепсияи ҳувиятшиносии миллиро дар

эҷодиёти шоир мушаххас месозанд. Лоиқ ба василаи ин шеърҳо метавонист, ки воқеияти таърих ва мушаххасоти рӯзгори чеҳраҳои таърихиро аз муҳтавои айнии он берун кашад ва ба он моҳияти инсонӣ ва миллӣ бахшад. Лоиқ бо эҳсосу андешаи амиқ ва биниши густурдатар тавонист дар уфуқе бас фарохтар бингарад ва муосирони худро зери таъсири куллии таърихи зиндаи тоҷикон қарор диҳад. Ин бозҷустҳои амиқ ва ҳунармандонаи таърихӣ заминасози амиқрафти биниши худшиносии таърихӣ, ҳувиятии миллӣ ва дарёфти ҳувияти миллӣ аз матни таърихи гузаштаи тоҷикон дар шеъри шоир гардид.

Дар ин гуна шеърҳо таассуроти бардавоми шоирро ҳиссиёти лирикӣ мусалсал сохта, ба таъсири ҳиссии андешаи ӯ меафзояд ва ба он рангу ҷилои муассири бадеӣ мебахшад. Ин усули дарки бадеии воқеияти таърих ва ҳақиқати сарнавишти чеҳраҳои таърихӣ ба шоир барои дарёфти андешаву орои тоза имкон фароҳам оварда, шоир ба неруи пиндор ва тасаввурот дар шеъраш озодӣ мебахшад ва даст меёбад, ки аз миёни ёфтаҳои тасаввурӣ, ки ба маъниҳои рӯшан ва устувор ишора мекунанд, он суратҳоеро бипазирад ва таҷассуми бадеӣ бахшад, ки маънии шеърро вусъат бахшида, сурати мушаххаси гумону пиндорро тарҳ медиҳанд. Ин яке аз махсусияти тафаккури бадеии таърихии Лоиқ аст, ки бо имрӯз пайванди амиқи айниву зеҳнӣ дорад.

Маҳбубият, бартарӣ ва фарқи бисёре аз ин гуна шеърҳои Лоиқ, аз ҷумла «Таърих гувоҳ аст…», «Оли Сомон», «Айнӣ», силсилаи «Сипоснома», «Аҳмади Дониш», «Гӯри Дониш дар куҷост», «Шоир», «Баъд аз ҳазор сол», «Араб гӯянд Синоро гурӯҳе», «Асли Сино», «Барои устод Боқӣ», «Барои Маҳмуди Воҳид», «Панҷаҳои Борбад», «Вопасин нафаси Хайём» ва ниҳоят, силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» ва ашъори дар сӯгвории тоҷикони охири асри бист бахшидаи шоир дар ҳамон аст, ки зикр шуд.

Дар диссертатсия дар заминаи тасвири бадеии рукнҳо ва намодҳои ҳастии таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон, аз ҷумла, забон ва ҳувияти фарҳангӣ хусусиятҳои хоси фардияти эҷодии Лоиқ нишон дода шудааст.

Дар фасли сеюми боби дувуми диссертатсия «**Тасвири табиат дар ашъори Лоиқ Шералӣ**» фардияти эҷодии шоир дар заминаи ашъори ба табиат бахшидаи ӯ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Лоиқ аз зумраи шоироне буд, ки дар садаи бист тавонист ба василаи ин навъи шеър нуҳуфтагиҳои даруни инсонро дар тасвирҳои табиат кашф кунад ва дар ин равиш тасвирҳои

муассири бадеӣ ба ёдгор гузорад. Хусусияти асосии ин қабил ашъори Лоиқро офоқӣ (объективият) ва дарунгароии онҳо муайян мекунад, ки ин фазилати хоси тафаккури лирикии шоир аст.

Аз аввалин қадамҳояш шеъри Лоиқ бо табиат ҳамхонии хос дошт. Дар ин гуна шеърҳо шоир дар сатҳи ашё ва манозири табиат меандешид. Ҳатто дар нахустин тасвиркориҳояш шоир аз табиат низ «дар варои пардаи табиат» (2,317) фақат бар унсурҳои моддии ҳастӣ наандешида, балки чизе нафсонӣ, отифӣ ва иҷтимоӣ дар тасвирҳои табиат ва манзаранигорӣ афзудааст. Аз ин ҷиҳат, хусусияти муҳими шеъри манзаранигории Лоиқро бояд ба завқи лирикӣ ва ҳассосияти шоирии ӯ рабт дод. Ба ифодаи дигар, аз аввалин қадамҳо (манзур шеърҳои «Зарафшон», «Арча», «Сабзаи баҳор» аст, ки мутаносибан солҳои 1960 ва 1961 таълиф шудаанд) таammулаш дар бораи табиат дигаргунӣ пазируфта, пайрави эҳсос ва табъи ӯ гардид. Ба ин далел, ки аз он рӯзгор ба баъд табиат ва манзараҳои он дар ашъори ӯ ба ду тарз тасвир ва тавсиф мешавад. Нахуст аз назари тавсифҳои холис, ки метавон онро васф ба хотири васф хонд, вале ин гуна шеърҳо низ ҷанбаи амиқи даруннигарӣ доранд. Тарзи дигари нигариши ӯ, ки шоир ба ҷуз васфҳое, ки аз табиат мекунад, дар заминаҳои ғайр аз табиат, яъне дар доираи бисёре маонии таҷридӣ ва ё тасвирҳое, ки аз табиат, инсон ва ҳаёти ӯст, боз ҳам аз табиат ва унсурҳои он ёрӣ мегирад.

Ҷустуҷӯи унсурҳои табиат дар мисоли ашъори лирикии Лоиқ нишон медиҳанд, ки диди ӯ ҷанбаи хоси табиӣ дошта ва на танҳо васфҳои табиат, балки дар заминаҳои дигар низ таваҷҷуҳи шоир ба табиат имтиёз дорад. Дар тасвирҳои ӯ дар ҳар заминае аз заминаҳои маънавии шеър унсурҳои табиат бештарин саҳмро доранд. Имтиёзи ҳунари ӯ дар ин равиш ин аст, ки тавонист нуҳуфтагиҳои дили инсонро дар тасвирҳои табиат кашф кунад. Ҳамин имтиёз шеъри ӯро аз дигарон тафовут медиҳад, ки дар таъйиди хусусияти хоси ҳунари шоирии ӯст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Навҷӯиҳои Лоиқ Шералӣ дар навъҳои шеърӣ»** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад, тозаҷӯиҳои шоир дар шеъри нав ва чаҳорпора мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Дар фасли аввали ин боб, ки **«Падидаҳои шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ»** унвон дорад, фардияти эҷодии шоир дар заминаи ҷустуҷӯҳояш дар шеъри нав муайян ва мушаххас карда шудааст.

Лоиқ дар ду шакли шеъри нав, ҳам нимоӣ ва ҳам шеъри озод, ки дар маҷмӯъ 215-то аст, шеър гуфтааст. Бисёре аз озодиҳои шаклие, ки дар ин намуди шеър шоеъ аст, дар осори ба ин тарз гуфтаи Лоиқ

низ ба мушоҳида мерасад. Дар ин гуна шеърҳо истиқлоли нисбии қофия ва вазн низ ҷой дорад. Мисраъҳои ин гуна шеърҳо низ «аз нигоҳи имтидод монанди шеъри суннатӣ ва ё худи чаҳорпора бо аркони баробар маҳдуд намешаванд, балки ҳар кадом аз мисраъ метавонад аз рукнҳои баробару нобаробар, масалан, ҳадди ақал аз як рукн ва ҳадди аксар аз чаҳор рукн ва гоҳе аз он ҳам зиёд иборат бошад. Аммо дар ҳама ҳолат риояи вазни арӯзӣ ҳатмӣ аст» (4,8).

Лоиқ дар ҳар ду шакл шеър гуфта бошад ҳам, дар эҷодиёташ шакли нимоӣ ё худ шеъри озод нуфуз дорад. Ин гуна шеърҳоро шоир дар вазни арӯз гуфта, мисраъҳои он монанди шеъри суннатӣ маҳдуд ба ду, се ва чаҳор рукн аст. Қофия низ дар ин гуна шеърҳои Лоиқ ҷои муназзам ва мушаххас надорад.

Шакли шомлуӣ, ки онро шеъри сафед низ гӯянд, дар эҷодиёти шоир нуфузи чандоне надошта бошад ҳам, баъзе паҳлуҳои муҳими ҳунари шоирии ӯро ошкор мекунад. Шакли шомлуии шеъри Лоиқ вазн ва оҳанг дорад, вале комилан арӯзӣ нест. Қофия низ дар ин гуна шеърҳо ҷои собит надорад, ки намунаи он «Шеъри сафеди «Тиллои сафед» мебошад.

Хусусияти муҳими шеъри нави Лоиқ дар он аст, ки мавзӯъ, муҳтаво ва шакли он таносуби тамом доранд. Мавзӯву муҳтаво, дарунмоя ва хусусиятҳои балоғии чунин шеърҳоро шакл медиҳанд, ки аз вежагиҳои тарзи нигориши Лоиқ аст. Дигар аз бартарии Лоиқ дар эҷоди ин гуна шеърҳо ироаи мавзӯъ ва матолиби тоза аст.

Яке аз беҳтарин шеърҳое, ки Лоиқ дар ин равиш гуфтааст, «Хоки Ватан» мебошад. Ин шеър дар шакли нимоӣ эҷод шуда, шоир ба воситаи он мазҳари мудерни озодихоҳӣ ва ватанпарастиро ба вуҷуд овард. Аз нигоҳи шоиронаи ӯ таваҷҷуҳ ба иродаи миллӣ зуҳури навъе андешаи ватандӯстӣ ва дар ниҳоят ватанпарастӣ аст, ки метавон онро гузар аз гуманизм ба насионализм ва аз ҳуқуқи фардӣ ба ҳуқуқи миллӣ номид. Ин дигарандешӣ ба тарзи нав дар шеър буд. То Лоиқ чакомаҳои зиёде дар ситоиш аз Ватан ва хоки Ватан суруда шудаанд, вале образи ҳиссӣ ва пурвусъати <u>хоки Ватан</u> дар дил ва зеҳни хонанда чунон рахна кард, ки ин образ аз шеър ба шеър кӯчид.

Шеърҳои «Ман намемирам», «Суруде хоҳаму шеъре», «Ручӯи достоне, ки ҳаргиз наметавонам навишт», «Боз як рӯзам гузашт», «Моҳии тилло», «Ғазали боғбони пир», «Мадҳияи аҷал» ва ғайра ифодагари ҳунари шоирии Лоиқ дар сурудани шеъри нав аст, ки дар рисола муфассал таҳлил ва арзёбӣ шудаанд.

Дар шеъри нави Лоиқ мисраъҳои кӯтоҳу пилаконии паси ҳам фурӯрехта, аз мусиқии хосе бархӯрдор, нав ва таъсиргузоранд. Нигоҳи нави шоир ба ҷаҳони даруну берун ба сохти шеър, бахусус, таркиби забонии он низ таъсири амиқ гузошта, шакли онро тоза ва муассир сохтааст. Таркиби композитсионии ин гуна шеърҳо низ

наванд. Дар онҳо байт мавқеи устувор надорад, банд матраҳ аст. Бандҳо низ ба тақозои андеша ва тасвир дарозу кӯтоҳ мешаванд. Бинобар ин, бандҳо ва ҳаҷми онҳо дар ҳар шеър калону хурданд. Масалан, дар шеъри «Илтиҷо қабл аз тарки дунё», ки шакли шомлуист, ҳамаи ҳашт банди шеър дар ҷиҳати тарҳи як мавзӯъ аст ва меҳвари аслии шеър бисёр дақиқ ва устувор буда, мавзӯоти фаръӣ ва зоҳирӣ надорад. Ба ифодаи дақиқтаре, бештарини шеърҳои нави Лоиқ шакли зеҳнӣ, яъне, ташаккул ва таҳаввули маънавӣ доранд. Калимаҳо, тасвирҳо ва аҷзои шеър он қадар бо ҳам пайванданд, ки пораеро наметавон аз он ҷудо кард. Маҳз иртиботи маънавӣ ба ҷои қофия ва радиф таркиби шеърҳоро устувор сохта, сатрҳоро ба ҳам дӯхта ва васл кардааст.

Дар фасли дувуми боби сеюм, ки «**Вежагиҳои чаҳорпораҳои шоир**» номида шудааст, ин шакли нави шеърӣ дар заминаи таҷрибаи эҷодии Лоиқ таҳлил ва таҳқиқ шудааст.

Чаҳорпора ё худ дубайтии пайваста маҳсули давраи нави адабиёти тоҷик аст. Дар оғози пайдоиши ин навъи шеърӣ қофиябандиҳои якдармиён (абаб, вгвг), дудармиён (абба, вггв) ва боз қофиябандиҳои зерин: 1.(ааба, ввгв); 2.(абвб, гдед); 3. (аабб, ввгг) доштааст. А. Ҳакимов бар ин назар аст, ки чаҳорпорае, ки қофиябандиаш (ааба, ввгв) аст, дар шеъри тоҷикӣ зери таъсири назми рус ба вуҷуд омадааст ( 9,201).

Дар шеъри муосири тоҷик Лоиқ оғозгари чаҳорпора набуд. Вале дар ташаккул ва таҳаввули ин қолаб ва пазируфта шудани он аз тарафи завқи умумӣ таъсири зиёд дошт. Нахустин чаҳорпорае, ки Лоиқ суруд, шеъри «Ном» буд, ки дар бораи он мо дар боло муфассал сухан кардем. Ин шеър бо мазмун ва қолиби нави чаҳорпора ифодагари тафаккури бадеии соҳибаш буд, ки вежагиаш тозаҷӯиву тозагӯӣ аст.

Дар оғози фаъолияти эҷодиаш бештар ба чаҳорпора таваҷҷуҳ кардани Лоиқ далели имконоти бештари ин навъи шеърӣ дар баёни андеша мебошад. Шакли қофиябандӣ дар аксари чаҳорпораҳои индавраинаи Лоиқ тоза буд ва аз тарзи қофияпардозиҳои М. Турсунзода, А. Шукӯҳӣ ва дигарон фарқ дошт. Қофия дар ин гуна шеърҳои Лоиқ аслан озод буд, яъне фақат қофияҳои мисраъҳои дувум ва севумро риоят мекард.

Дар мисоли шеърҳои «Ном» ва «Зарафшон» метавон гуфт, ки дар оғоз шоир тағйиру таҳаввуле дар сохтори поэтикии ин шакл ворид кардааст. Шоир фақат ба тағйири шакли зоҳирии ин шеър машғул нашуда, балки диди нави шоиронаеро низ ба воситаи он ироа намудааст. Навии дигари кори Лоиқ иборат аз он аст, ки бархе аз калимотро, ки пештар дар шеър истифода намешуд, ба кор бурд. Қаҳрамони лирикии чаҳорпора ифодагари дидгоҳи тозаи

ҷаҳоншиносии шоир ва таҷассумгари идроки бадеии ӯст. Чаҳорпора дидгоҳи нав ва мудерни шоирро таҷассум кардааст.

Чаҳорпораи «Меҳр ва зар» низ яке аз нахустин таълифоти шоир буда, аз нуҳ банд иборат мебошад. Шакли қофиябандии он *абаб* буда, дар матни воқеияти замони зиндагии шоир эҷод шудааст ва муҳтавояш низ нав буд. Ин чаҳорпора аз бисёр ҷиҳат ифодагари диди тозаи Лоиқ дар шинохти шоиронаи воқеият аст. Лоиқ ба василаи ин шеър ва шеърҳои «Арча», «Ба дӯстам Дӯст», «Зиндагӣ, бинмо ба ман роҳи сафед» ва ғайра на фақат дар зоҳири шеър тағйирот ворид сохт, балки мантиқи онро низ дигар кард. Ин шеърҳои Лоиқ арзиши дигаре ҳам доштанд: таъсири лаҳни равони онҳо дар бештарин чаҳорпораҳои шоирони баъди ӯ эҳсос мешавад. Хусусияти дигари чаҳорпораҳои Лоиқ аз он иборат аст, ки аксари онҳо тағаззулӣ буда, ба ин васила шоир тавонистааст шакли баёни ошиқонаро дар шеъри тоҷикӣ дигар кунад. Фазои воқеӣ бо омезаҳои романтикии ин гуна шеърҳои Лоиқ ба ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикии солҳои шаст бетаъсир набудааст. Фазои романтикӣ ва гоҳо тағаззулӣ ҳаҷми ин чаҳорпораҳоро зиёд карда буд.

Таҳлили қиёсии чаҳорпораҳои Лоиқ муаллифи диссертатсияро ба чунин хулоса овард, ки ин шакл дар таҷрибаи шоир пуле аст байни шеъри куҳан ва шеъри нимоӣ. Ба таъбири дигар, чаҳорпораи Лоиқ аз назари мартабаи шеърӣ миёни шеъри классикӣ ва шеъри нав қарор дорад. Бо вуҷуди монандиҳо заминаи забонии чаҳорпораҳои Лоиқ нав ва тоза буда, бо фазои маънавию лаҳнаш шеъри нав аст.

Дар чаҳорпораҳои Лоиқ мазмуну муҳтаво, тасвирҳо ва шеваи нигариши шоирона комилан нав ва имрӯзин аст. Дар онҳо муҳри замона низ сабт аст. Ин чаҳорпораҳо аз зарфияти бештар бархӯрдор буда, дар қофиясозӣ дасти шоир дароз аст. Чаҳормисраъӣ будани ҳар банд низ фазои шеъриро барои Лоиқ тавсеъа бахшида, дар баёни андешаҳо ба шоир маҷоли бештар додааст. Ба ин далел, бандҳо ва мисраъҳои баъзе чаҳорпораҳо бисёр ва тӯлонитаранд. Аз ин ҷиҳат, дар таҷрибаи Лоиқ ин қолаб маҳдудкунанда набуда, имрӯз низ дар шеъри тоҷикӣ имтиёз дорад.

Дигар аз хусусияти таҷрибаи Лоиқ дар сурудани чаҳорпора афзудани лаҳни ривоӣ ба он аст, ки мазмун ва муҳтавои ин навъи шеъриро вусъат бахшида, композитсияи онро низ устувор сохтааст. Аз ин ҷиҳат, тасвир низ дар чаҳорпораҳои шоир мувозӣ буда, то охири шеър ҳифз мешавад. Ин хусусият дар аксари чаҳорпораҳое, ки то Лоиқ ва баъди ӯ эҷод шудаанд, ба мушоҳида намерасад.

Лоиқ доираи мазмуну муҳтаво ва тасвирро дар чаҳорпора тавсеъа бахшид. Дигар ин навъи шеър фақат фарогири мазмунҳои тағаззулӣ ва васфӣ набуд. Доираи муҳтавои он ғанӣ гардида,

масъалаҳои иҷтимоӣ, таълимӣ ва ахлоқиро низ ба таври густурда дар бар мегирифт. Хусусиятҳои зикршуда ифодагари фардияти эҷодии шоир дар эҷоди ин навъи шеър аст.

Дар хулоса натиҷагириҳои асосии таҳқиқот баён шудааст. Аз ҷумла, омӯзиш ва таҳлили мавзӯъ муаллифро ба хулосаҳои зер овард:

1. Лоиқ дар таърихи шеъри муосири тоҷик бо тозаҷӯиҳояш дар шакл ва мундариҷаи шеър нақш ва ҷойгоҳи хос дорад. Шеъри Лоиқ ифодагари фардияти эҷодӣ, ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва мавқеияти ҳунарии ӯ дар ҷараёни адабӣ буда, ҳунар, завқу андеша, ормонҳо ва кайфиятҳои дар хаёлпарваридаи ҳунариашро ифода мекунад.
2. Ҳолати адабиёти солҳои шастуми асри бист, ки барои эҷодкори асил монеаҳои идеологӣ дошт, таҷрибаи шоирии Лоиқро дар давраи аввали эҷодиёташ муайян ва мушаххас сохт. Лоиқ дар ин давраи мураккаб ҷавон бошад ҳам, консепсияи хоси эҷодияшро дар фарогирии мавзӯот ва тарзи тасвир зоҳир карда, падидаи адабии «шеъри лоиқвор»-ро ба вуҷуд овард. Ҳамчун шоири суннатгаро ва навовар аз имкониятҳои мундариҷавӣ ва шаклии шеъри суннатӣ истифода карда, сохтори мундариҷавӣ, композитсионӣ ва шаклии шеъри тоҷикиро таҳаввули тоза бахшид. Мавзӯву масъалаҳои муҳимро тасвир карда, ба воситаи осораш ҳувиятшиносии миллиро дар адабиёт эҳё кард.
3. Мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла, Ватан, ситоиш ва қадршиносии он, ифтихороти таърихиву фарҳангӣ, мазмунҳои сиёсиву иҷтимоӣ, андарзҳои ахлоқӣ, табиат ва манзаранигорӣ дар шеъри Лоиқ консепсияи хоси тасвир отифӣ ва иҷтимоиву ахлоқиро ба вуҷуд овард, ки фардияти эҷодии ӯро ифода мекунад.
4. Ҷустуҷӯҳои шоир дар шаклҳои суннатӣ ва нав ҷолиб буда, тарзи хоси идроки бадеӣ ва фардияти эҷодии ӯро таҷассум месозад. Шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ шакли зеҳнӣ, яъне бунмояи ташаккул ва таҳаввули маънавӣ доранд. Калимаҳо, тасвирҳо ва аҷзои шеър бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошта, пайванди маънавӣ ба ҷои қофия ва радиф таркиби шеърро устувор сохтаанд, ки ин низ аз хусусияти хоси ҳунари шоир дар сурудани ҳар ду шакли шеъри нав аст.
5. Вежагиҳои шеърҳои нав ва чаҳорпораҳои Лоиқро нахуст ҷаҳони шайъие муайян мекунад, ки манбаи таассуроти шоиронаи соҳиби шеър аст, сониян, Лоиқ дар ин навъи шеър маънии ҳиссиро ба образи шеърӣ табдил дода, тарзи хосашро дар гуфтани чунин шеърҳо собит месозад. Лоиқ шеъри нав ва чаҳорпорароро аз сурати тафаннунӣ берун оварда, ба мазмунофаринӣ ва тасвиргарӣ дар он афзалият дод, ки гувоҳи фардияти ҳунарии ӯст.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе/ Гулназар.-Душанбе, 1993.-104 саҳ.
2. Кадканӣ, Ш. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ/ Шафеъии Кадканӣ.-Теҳрон:Огоҳ, 1366.-С.317 (-732 саҳ.)
3. Набипур А.Т. «Ҳамин як қалби ман омоҷгоҳи тиратон бошад» /Марсияи хуршед (Маҷмӯа, таҳияи С.Абдулло).-Москва,2001.-17 (352)
4. Нарзиқул, М. Фурӯғи ҳастӣ/ Мисбоҳиддини Нарзиқул.-Душанбе:Адиб, 2002.-С.12 (-120с).
5. Салимов, Н. Осори Мирзо Турсунзода ва таҷдиди назар ба адабиёти шӯравии тоҷик/ Носирҷон Салимов// Суханвари мумтоз.-Хуҷанд: «Нури маърифат», 2011.-С.18 (умумӣ-С.15-21)
6. Сатторов А. Давоми нек/ Абдунабӣ Сатторов // Садои Шарқ, 1967, №6.Саҳ. 149-153.
7. Сатторов, А. Нуктаи пайванд/ Абдунабӣ Сатторзода.-Душанбе: Ирфон,1982.-С.96 (-240 саҳ.)
8. Футуҳӣ, М. Балоғати тасвир/Маҳмуди Футуҳӣ.-Теҳрон: Сухан, 1385.-464.
9. Ҳакимов, А. Шеър ва замон /Аскар Ҳакимов.-Душанбе:Ирфон, 1978.-С.201 (-252 саҳ.)
10. Ҳакимов А. Дар қаламрави сухан / Аскар Ҳакимов.-Душанбе: Ирфон,1982.-С.167 (-224 саҳ.)
11. Ҳусейнзода,Ш. Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик/ Шарифҷон Ҳусейнзода // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик.-Душанбе:Ирфон,1970.Саҳ.225-242
12. Шакурӣ,М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист/ Муҳаммадҷон Шакурӣ.-Душанбе, 2006.-С.412 (-455 с.)
13. Шарифов, Х. Нардбони умрҳо / Худоӣ Шарифов // Садои Шарқ. – 1970. - №6. – с. 139 – 143.
14. Шарифов, Х. Шоири бузург/ Худоӣ Шарифов: Суннатҳои адабӣ.-Душанбе: Деваштич, 2007.-476 саҳ.
15. Шералӣ, Л. Куллиёт. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1 (китоби якум) / Лоиқ Шералӣ. Мураттибон: Баҳриддин Ализода (Алиев), Ромиш Шералӣ. – Хуҷанд, 2001. – 722 с.
16. Шукуров М. Сухан аз лирика ва мазмуни граждании он/ Муҳаммадҷон Шукуров // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик.-Душанбе: Ирфон, 1970.Саҳ.183-224.
17. Шукуров, М. Мактаби одамият/ Муҳаммадҷон Шукуров.-Душанбе:Адиб, 1991.-С.128 (-280 саҳ.).

## Мақолоте, ки аз рӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд

### а) мақолаҳо дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон:


1. Раҳимов Х.Б. Мавқеи ғазал дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ/ Х.Б.Раҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филология (қисми II). –Душанбе: Сино, 2010.–№7(63).–С.147-149.
2. Раҳимов Х.Б. Рубоӣ ва мавқеи он дар эҷодиёти Лоиқ/ Х.Б.Раҳимов //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2011.-№4(40).-С.38-42.
3. Раҳимов Х.Б. Тараннуми ғояи ватанпарварӣ дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ/ Х.Б. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2013. – №1 (50).–С.328--331.
4. Раҳимов Х.Б. Талмеҳ дар ғазалиёти Лоиқ Шералӣ / Х.Б. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2013. – №1 (50).–С.348—351.
5. Раҳимов Х.Б. Мавқеи дубайтӣ дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ/ Х.Б. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2015. – №4 (65).–С. 146--150.
6. Раҳимов Х.Б. Мазмун ва мундариҷаи ғоявию бадеии «Дасти дуои модар»-и Лоиқ Шералӣ/ Х.Б. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2015. – №4 (65).–С. 189--192.


### б) мақолот дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ:


7. Раҳимов Х.Б. Тараннуми ишқу муҳаббат дар ғазалиёти Лоиқ Шералӣ/ Х.Б.Раҳимов// Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои муосири тайёрии касбии методии муаллими синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои олии педагогӣ».-Душанбе: «Сабрина-К», 2013.Саҳ.53-58.
8. Раҳимов Х.Б. Мавзӯи модар дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ/ Х.Б.Раҳимов// Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои муосири тайёрии касбии методии муаллими синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои олии педагогӣ».-Душанбе: «Сабрина-К», 2013.Саҳ.75-80.
9. Раҳимов Х.Б. Мавзӯи илму дониш ва тарбияи инсони комил дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ/Х.Б.Раҳимов/- Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Мақоми педагогикаи халқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ».-Душанбе: «Сабрина-К», 2013.-С.352-354.